Sano Collective • • Харитаи Хотираи Душанбе

# مكان

# MAKÒN

макон

№ 1
Июл 2026

SANO

Харитаи Хотираи Душанбе: дар бораи лоиҳа 2
Баррасии назариявӣ 5
Санъати ёд: асарҳои рассомон 13
Таҳлили маълумот 63

ЗИНИ «МАКОН»

Нашр дар доираи лоиҳаи
«Харитаи Хотираи Душанбе»
чоп шудааст
© Sano Collective

*Муҳаррир ва куратор:*
Екатерина Чернова

*Директори барнома:*
Парвиз Саидов

*Директори бадеӣ ва куратор:*
Каролина Пескишева

*Тарроҳӣ:*
Екатерина Чернова,
Зарина Фатуллаева

Сипоси махсус ба Наргис
Абдулназарова ва Парвиз Саидов
барои кумак дар тарҷума.

*Рассомон ва муҳаққиқон*
*Sano Collective:*
Наргис Абдулназарова
Ҳусноро Ҷӯраева
Насиба Каримова
Шайма Гулбекова
Наиля Ри

*Рассомони даъватшуда:*
Оят Шукуров
Семён Молдавер
Фирдавс Шарифов

# ХАРИТАИ ХОТИРАИ ДУШАНБЕ
## дар бораи лоиҳа

- оинаи зеҳнии шаҳр
- бойгоние, ки аз хотираҳо, афсонаҳо ва ҳикояҳои шаҳрӣ ҷамъ оварда шудааст
- харитаи онлайн, ки чизҳои азбайнрафта, дастнорас ва гаронбаҳоро ҳифз мекунад
- маҷмӯи асарҳои санъат, ки Душанберо васф ва ҳуҷҷатгузорӣ мекунанд

**Харитаро ин ҷо бинед**

Мақсади лоиҳаи мо ба вуҷуд овардани низоми кории устувор аст, то гувоҳиҳои ҳаёти шаҳрӣ ҷамъ оварда шаванд, нигоҳ дошта шаванд ва барои ҳама озодона дастрас бошанд.

Sano Collective — гурӯҳи рассомон ва муҳаққиқон, ташаббускорони лоиҳа — пеш аз ҳама вазифаи миёнаравро адо мекунад ва сохтори бойгониро барпо менамояд: мо кӯшиш мекунем, ки ба мазмуни бойгонӣ дахолат накунем ва ҳар гувоҳиеро, ки ба мо мерасад, нашр намоем.

Дар кори худ оид бо бойгонӣ мо ба принсипҳои зерин амал мекунем:

1. мо ҳар гуна гувоҳиро дар бораи зиндагӣ дар Душанбе истиқбол мекунем — лаҳзаҳое аз таърихи расмӣ, ҷузъиёти камошно, ёддоштҳои шахсӣ, ривоятҳои шаҳрӣ, маслиҳатҳои муфид, ҳикояҳои дӯстдоштаи ҳамсояҳо, муаллимон, ронандагони такси, олимон ва рассомон

2. Маҳз шоҳидон интихоб менамоянд, ки кадом хотираҳоро бо мо қисмат кунанд ва дар фарҷоми кор бойгонӣ аз чӣ чизҳо шакл хоҳад гирифт

3. мо маълумотро санҷиш намекунем ва чунин мақсад ҳам надорем, зеро «Харитаи Ёд» лоиҳаи сотсиологӣ ё фарҳангшиносӣ нест, балки бойгониест, ки симои субъективии шаҳрро инъикос мекунад

4. мо гувоҳиҳоро ба ҷойҳои муайяни харитаи Душанбе пайваст мекунем — ин роҳнамои асосии дохили бойгонист

5. мо гувоҳии касонеро, ки дар Душанбе зиндагӣ мекунанд, замоне зиндагӣ кардаанд ё роҳгузар будаанд, истиқбол мекунем — ҳар кас метавонад саволномаи моро пур кунад, то ҳикояи ӯ дар «Харитаи Ёд» пайдо шавад

**Саволнома**

Мо ин маҷаллаи хурдро (зин) бо мақсаде таъсис додем, то дар бораи раванди кор рӯи лоиҳаи "Харитаи хотира"ро гузориш диҳем, қиссаҳои навро мавриди таҳлил қарор диҳем, асарҳои ҳунармандонро ба чоп расонем, паҳлуҳои назариявии бойгонии хотираҳоро омӯзем ва мубоҳисаеро ба миён гузорем.

Агар шумо дар бораи Душанбе хотирае надошта бошед ҳам, вале оид ба кори мо фикру мулоҳизаҳо доред, ба мо бинависед!

Ин зин чунин сохта шудааст:

• дар оғоз матни назариявии муҳаррири зин ва мураттиби лоиҳа Катя Чернова ҷой дода шудааст

• сипас мо асарҳои рассомонеро нашр мекунем, ки ба ёддоштҳо ё ба симоҳои имрӯзаи Душанбе рӯ меоранд — дар миёни онҳо аъзои Sano Collective ва муаллифони даъватшуда Оят Шукуров, Семён Молдавер, Фирдавс Шарифов

• дар охир мо аввалин гувоҳиҳои ба бойгонӣ расидаро таҳлил мекунем

Пайвандҳо дар тугмаи дорои аломати савол пинҳон шудаанд:

?

# ЁДҲОИ НОАЁН: ДАР БОРАИ ХУСУСИЯТҲОИ БОЙГОНИҲО ВА МУРАТТИБОНИ ОНҲО

Ба ҳифз, таҳқиқ ва тафовути байни "Таърих" ва "Хотира" метавон бо равишҳои гуногун наздик шуд. Яке аз равишҳои маъмултаринро[1] метавон ин тавр тавсиф кард: фарҳанги таърихӣ академӣ ва интиқодӣ буда, бо ниҳодҳо (бойгониҳо, китобхонаҳо, осорхонаҳо, донишгоҳҳо) робитаи зич дорад, аммо фарҳанги хотира берун аз рафҳову деворҳо, дар фазои хеле васеътари фарҳангӣ зиндагӣ мекунад, ки аз ишораҳои синамоӣ то албомҳои аксҳои оилавӣ доман густурдааст.

Вале ин ду нигоҳи мухталиф ба гузашта, бо вуҷуди фарқҳояшон, ҳамон як чизи умумиро меомӯзанд. Диққати касбии як таърихшиноси илмӣ метавонад ҳам ба воқеаҳои сатҳи давлатӣ ва ҳам ба қисмати як одами оддӣ равона шавад, ки ягон имтиёз, қудрат ё лаёқати фавқулода надошт. Дар айни замон, фарҳанги хотира метавонад таърихи шаҳри азизи худро насл ба насл гузаронад ва ё қиссаҳои бузургворро дар бораи пайдоиш, мерос ва вазифаи таърихии як халқи калон парвариш кунад (ин гуна хотираҳоро бештар "хотираи ёдгорӣ" меноманд). Ба ин тартиб, "Таърих" ва "Хотира" метавонанд ҳам барои фаҳмидани гузаштаи як кишвар ва ҳам, масалан, барои аз нав сохтани шаҷараи як оилаи оддӣ даст ба дасти ҳам диҳанд.

Дар ин эссе мо кӯшиш мекунем, ки мафҳумҳои "Таърих" ва "Хотира"-ро аз ҳам ҷудо кунем ва миқёсҳои мухталифи рӯйдодҳои гузашта, инчунин таъсири ин миқёсҳоро ба муносибат бо гузашта мавриди баррасӣ қарор диҳем. Сипас, мо баъзе таҷрибаҳои кор бо фарҳанги хотираро дар санъати муосир таҳлил карда, ба кори рассомон бо бойгониҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоем. Ба ин тартиб, мо ба заминаи эпистемологии "Харитаи Хотираи Душанбе" ворид мешавем, яъне он механизмҳои маърифатиро, ки дар ин лоиҳа амал мекунанд, баррасӣ хоҳем кард.

[1] Пйер Нора, назарияшиноси фаронсавӣ, дар мақолаи калидии худ дар бораи "Ёдгоҳҳои хотира" мафҳумҳои "Таърих" ва "Хотира"-ро ин гуна аз ҳам ҷудо месозад.

Алейда Ассманн, ки аз таҳқиқотчиёни барҷастаи асри XXI ба шумор меравад, дубаҳрагии (дихотомияи) ба ин монандро баён мекунад, вале диққати асосиро ба самти дигар равона карда, аз сохтани ҳувияти инсонӣ тавассути хотира ҳамчун як равиши комилан шахсӣ ба гузашта ҳарф мезанад (дар навбати худ, таърихи илмӣ вазифадор аст, ки масофаи интиқодиро нигоҳ дорад). Gonzalo Pazamar. On the relationship between history and memory. Aleida Assmann, Cultural Memory and Western Civilization. Functions, Media, Archives. Cambridge, New York: Cambridge University Press, 2011, 410 pp.»

Харитаи Хотираи бо он маълумоте пурра мешавад, ки сокинон ё меҳмонони Душанбе муҳим мешуморанд. Мо таърихи монументалии шаҳрро наменависем; барои мо муҳим аст, ки гувоҳиҳо нигоҳ дошта шаванд — дар бораи он ки одамон чӣ гуна дар ин шаҳр зиндагии худро барпо мекунанд, чӣ гуна гӯшаҳои гаронбаҳои назарногир, сояҳои гузашта ва ёдҳоро меёбанд ва азиз медоранд.

Дар оромтарин ва устувортарин шакли худ, хотираи ёдгорӣ чандин вазифаи муҳимро иҷро мекунад. Тамоми сохтори илми таърих бар дӯши ҳамин қиссаҳои бузурги замон такя дорад ва гузаштаи милливу давлатӣ таҳкурсии асосии онро месозад. Ин гуна ниҳодҳо на танҳо як намоиши зоҳирии фарҳанг — ба мисли саҳифаи Википедия ё брошураи сайёҳӣ — балки низомҳои дохилии пажӯҳиш, нигоҳдорӣ ва зиндагии ҳаррӯзаро низ шакл медиҳанд. Аз сӯи дигар, таърихнависӣ бо хатҳои куллӣ ва умумӣ як роҳи сода ва осон барои навхоҳон аст, то ба ин дунёи бузурги дониш ворид шаванд. Он мисли як қутбнамост, ки барои гум нашудан дар фазо ва ҳатто барои кашфиётҳои хурди шахсӣ ёрӣ мерасонад. Ин ривоятҳои бузург, ки як навъ хонаи рагҳои хунгарди хотираи таърихиро мемонанд, бо кӯмаки сохторҳои омодашуда роҳро ба кайҳони гузашта осон мекунанд, аммо дар айни замон муҳаққиқ, сайёҳ ва ҳунармандро маҳдуд намуда, ба онҳо хатсайрҳои аз пеш муайяншударо пешниҳод месозанд.

Бо вуҷуди ин, вожаи сермаънои "Хотира" як уфуқи беканори усулҳои гуногуни робита бо гузаштаро дар бар мегирад. Агар аз як тараф Хотира таърихи бузургу расмиро нигоҳ дорад (ва гоҳе онро тағйир диҳад), дар тарафи дигар, он мисли як махзан ё ҷевони маҷозии шахсист. Махзане, ки дар он таърихи зиндагии хусусӣ ва нигоҳи бевоситаи як инсон ба зиндагии худаш ҳифз мешавад.

Рӯ овардан ба чунин шаклҳои ёд низ ҷузъи кори муҳаққиқонест, ки ба таърихи ҷиддии интиқодии академӣ машғуланд: дар сад соли охир дар тамоми ҷаҳон мактабҳои бутуни илмӣ ба вуҷуд омадаанд, ки мавзӯи таваҷҷӯҳашон ба ҳамин ёди хусусӣ хеле наздиктар аст, назар ба ривоятҳои бузурги коллективии таърихӣ. Чунин аст, масалан, равиши «микротаърихӣ», ки яке аз асосгузоронаш Карло Гинзбург дар асоси маводи як мурофиаи судии дар асри XVI ҳуҷҷатгардида монографияи комили академӣ[2] навиштааст: айбдоршаванда осиёбоне буд, ки ба худ иҷозат дод ақидаҳои диниро ба таври худ маънидод кунад ва бо ҳамин хашми даҳшатноки инквизитсияро ба сари худ овард. Гинзбург бо роҳи индуктивӣ амал кард: аз як протоколи мушаххаси судӣ оғоз намуда, заминаи васеи иҷтимоию фарҳангии замонро таҳлил кард ва таърихи хусусиро ҳамчун гувоҳии бебаҳо аз нав дарк намуд. Мисолҳои монанд бисёранд.

Муҳаққиқони таърихи зиндагии ҳаррӯза низ маҳз бо ҳамин гуна нигоҳи дақиқ ва ҷузъӣ кор мебаранд, вале бо як фарқияти асосӣ: барои онҳо на воқеаҳои ҷудогона, балки равандҳои дарозмуддате аҳамият доранд, ки дар сояи рӯйдодҳои бузурги таърихӣ мондаанд. Барои мисол, ду таҳқиқоти Роберт Дарнтонро овардан мумкин аст: ӯ ба мавзӯъҳое чун сохтори сензура дар Ҳиндустони замони мустамликадорӣ ва рӯзгори коргарони типографияҳои Фаронса, ки дар байнашон заминаҳои хушунату бераҳмиҳои ваҳшатбор

ба вуҷуд омада буданд, тамаркуз кардааст.[3]»

Бисёр таҳқиқоти аврупоии таърихи рӯзгор ва микротаърих ба шарофати барвақт ҷорӣ шудани коргузории идорӣ имконпазир гаштаанд. Дар марказҳои шаҳрии Осиёи Миёна ин раванд хеле дертар оғоз ёфт; илова бар ин, дар он хусусиятҳои возеҳи мустамликавӣ мавҷуд буданд (дар ин бора Антон Ихсанов дар лексияи худ оид ба бойгониҳои мустамликавии Осиёи Миёна сухан мегӯяд[4]). Аммо дар маълумоти таърихии мавҷуда имкониятҳои бузург ниҳон аст, ки бо онҳо дар сӣ соли охир муҳаққиқон — аз қабили Коллет Ҳаррис ва Андрей Дёрре[5] — фаъолона кор мекунанд.

Агар ташбеҳи худро бо харитаи роҳнамо давом диҳем, метавон гуфт, ки ин гуна робитаи ҷузъӣ ва индуктивӣ бо гузашта, бештар ба роҳ паймудан дар пайроҳаҳои ноҳаммори табиат монанд аст, на ба ҳаракат бо хатсайрҳои омодаи нақлиёти шаҳрӣ, ки таърихи бузурги дедуктивӣ пеш меорад. Бо вуҷуди ин, усули индуктивӣ ҳам нуқсонҳои худро дорад. Чун агар сохтори чашми оддӣ натавонад ситораҳои осмонро сарҳисоб кунад, пас сабту архив кардан ва ба тартиб даровардани хотираҳои тамоми инсонҳо низ ғайриимкон аст (бояд инро ҳам афзуд, ки дар ин роҳ бояд ҳамаи дигаргуниҳо ва хатогиҳои эҳтимолиеро, ки дар худи табиати хотираҳо кам нестанд, ба ҳисоб гирифт).

[2] Carlo Ginzburg. The Cheese and The Worms: The Cosmos of a Sixteenth Century Miller. – Einaudi, 1976.

[3] Роберт Дарнтон. Цензоры за работой. – Новое литературное обозрение, 2017.
Роберт Дарнтон. Великое кошачье побоище. – Новое литературное обозрение, 2002.

[4] Антон Ихсанов. Колониальные архивы по истории Центральной Азии: как мы учимся читать между строк.

[5] Colette Harris. Coping with daily life in post-Soviet Tajikistan: The Gharmi villages of Khatlon Province.

Andrei Dörre. Local knowledge-based water management and irrigation in the western pamirs.

Хотираҳо, ривоятҳои шаҳрӣ ва қиссаҳои инфиродӣ ҳамон ҷузъиёте ҳастанд, ки таърихи расмӣ бинобар сохтори худаш аксар вақт онҳоро аз мадди назар дур месозад. Бо вуҷуди ин, барои таърихи фардо ва барои шинохти имрӯзаи шаҳр, ин гуна нишонаву гувоҳиҳои хурд аз санаҳо ва қаҳрамонони рӯйдодҳои азим ҳеҷ камӣ надоранд.

Дар муҳити академӣ оид ба баробарарзишии таҳқиқоти монументалӣ ва нуқтавии ниҳоят маҳдуд консенсус (ризоияти умумӣ) мавҷуд аст. Аммо дар амал, таърихи монументалӣ ва хотираи монументализатсияшуда дорои имтиёзҳо мебошанд. Биёед дар ин ҷо кӯшиш кунем, ки асоситарини онҳоро номбар намоем:

→ 1. Муассисаҳое, ки дар доираи таърихи монументалӣ ташаккул ёфтаанд, чун қоида, устувории бештари молиявӣ доранд — азбаски онҳо ёди устувори монументалии таърихиро ба вуҷуд меоранд, маблағгузории онҳо метавонад дарозмуддат ва калон бошад. (Устувории маблағгузорӣ мутақобилан ба он вобаста аст, ки сарчашмаи маблағ аксар вақт давлат аст, ки худ ҳам ба нақшаҳои дарозмуддати буҷетӣ ниёз дорад ва ҳам онҳоро таъмин мекунад.[6])

→ 2. Ривоятҳои бузурги таърихӣ намоёнии бештар доранд — дар бораи онҳо бештар менависанд, бештар мегӯянд, одамон онҳоро бештар медонанд ва бештар дар ёд нигоҳ медоранд — ва дар шароити «иқтисоди таваҷҷуҳ» (attention economy) ин гарави муваффақият аст.[7]

→ 3. Пойгоҳи методологӣ ва бойгонии таҳқиқоте, ки ба ривоятҳои бузурги таърихӣ нигаронида шудаанд, васеътар ва ғанитар аст — ин ҳамон сохтори омодаест, ки онро ба ҷойи саргардониҳои тоқатфарсо дар олами бесарусомони гувоҳиҳои шахсӣ, ёддоштҳо, протоколҳо, рӯзномаҳои шахсӣ, номаҳои хусусӣ ва сарнавишти «одамони хурд» истифода бурдан мумкин аст.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мисоли тақсимоти нобаробари захираҳо миёни миқёсҳои гуногуни таърих, равишҳои гуногуни омӯзишу нигоҳдории он ва инчунин миёни шаклҳои гуногуни муаррифӣ мебошанд. Муҳаққиқон Мария Бабинска ва Лорен Ликата ин вазъро бо ёрии модели номутаносиби ёд ва ҳувият[8] тавсиф мекунанд: гувоҳиҳои хурд, вале барои илми таърих ва ёди таърихӣ муҳим, аксар вақт аз ҷониби ҳукмронии ёди коллективии монументалӣ, метаривоятҳои таърих танг карда бароварда мешаванд.[9]

[6] Elizabetta Lazzaro. Digital Funding and Financing in Museums and Cultural Heritage. / Cultural Funding and Financing: A Guide to New and Traditional Models in Arts and Culture - Palgrave Macmillan Cham, 2026.

[7] Michael H. Goldhaber. The attention economy and the Net. First Monday, 2(4). 1997.

[8] Maria Babińska, Laurent Licata. Mnemonic asymmetries: How collective memory shapes and reflects intergroup relations. / Current Opinion in Psychology. February 2026.

[9] Reine Rydén. National archives, national memory? How national archives describe themselves and their mission. Arch Sci 23, 297–326 (2023).

На ҳар бойгонӣ ба санҷиши сеҷонибаи гувоҳиҳо ниёз дорад, зеро на ҳар бойгонӣ ба кор бо маълумоти объективӣ нигаронида шудааст.

Ҳангоми истифодаи усули индуктивӣ дар таърих, муҳаққиқон зуд-зуд бо масъалаи эътибор ва санҷиши дурустии гувоҳиҳо дучор меоянд. Ин нукта махсусан дар таърихи шифоҳӣ аҳамияти калон дорад. Чун хотираи одамӣ ба куллӣ бевафову ноустувор аст! Кӣ медонад, оё одамон дар ҳақиқат он корҳоеро анҷом додаанд, ки имрӯз қисса мекунанд? Оё онҳо воқеан ҳам ҳамон эҳсосотеро таҷриба кардаанд, ки аз онҳо ёд меоранд (зеро ҳатто агар дурӯғ ҳам нагӯянд, хотираи онҳо метавонист бо гузашти солҳои тӯлонӣ дигаргун шавад[10]). Инсон нигаҳбони боэътимоди додаҳо нест, зеро у ҳамеша одат дорад, ки гузаштаи худ ва ё таърихи ба мерос гирифтаашро бузургтар нишон диҳад, баъзе ҷузъиётро фаромӯш кунад ва ё онро зебову романтикӣ ҷилва диҳад.

Бо вуҷуди ин, дар асри бистум муҳаққиқон нишон доданд, ки ҳатто дигаргуншавии хотираҳо низ арзиши илмии худро дорад. Бунёдгузори ин дидгоҳ Алессандро Портелли гардид: у вақте ки воқеиятҳои сабтшудаи таърихиро бо қиссаҳои шоҳидони рӯйдодҳои замони наздик рӯбарӯ кард, тафовути куллиеро миёни онҳо дид ва талош намуд, ки сабабҳои ин номутаносибиро ошкор созад[11].

Қиссаҳои хурд ва хотираҳои оддии одамон аз рӯйдодҳои бузурги таърихӣ ҳеҷ камӣ надоранд. Агар дар ин нақлҳо хатову лағзишҳо бошанд ҳам, ин сабаб намешавад, ки онҳоро аз архив берун кунем. Баръакс, ин як даъват аст, то ба ҷузъиёти онҳо бештар аҳамият диҳем: бубинем, ки ин хотираҳо чӣ тавр пайдо шудаанд, чӣ гуна нигоҳ дошта шудаанд ва чӣ эҳсосотеро дар худ доранд. Нақлҳои шахсӣ, ҳатто бе санҷиши расмӣ, як вазнаи муҳим дар баробари таърихи умумӣ ҳастанд. Онҳо тавозуни донишро нигоҳ медоранд ва намегузоранд, ки гузашта ба як қолаби шахшудаву беҳаёт табдил ёбад.»

Дар замони охир санъати муосир ба нигоҳдории ин гуна хотираҳо фаъолона машғул аст. Ҳунармандон вазифадор нестанд, ки дурустии маълумотро бисанҷанд, бинобар ин онҳо метавонанд ҳамон ҳаяҷон ва эҳсосотеро нишон диҳанд, ки дар нақлҳои шифоҳӣ, хотираҳо ва таърихи рӯзгори одамон ҷой гирифтаанд.

[10] Илми кунунии асабшиносӣ ва равоншиносӣ парда аз рӯи кӯчишҳои сершумори зеҳн бардоштаанд, ки бахше аз онҳо маҳз ба шеваи кори хотира робита доранд.

[11] Портелли ёди коллективиро дар бораи ҳалокати коргар Луиҷи Трастулли дар шаҳри Терни таҳлил кардааст: ҳамзамонон ба ёд меоваранд, ки ӯ ҳангоми эътирозҳои соли 1949 ё 1953 ҳалок шудааст, ҳол он ки дар асл Трастуллиро политсия ҳангоми намоиши соли 1949 куштааст — ҳалокати ӯ маънои рамзӣ пайдо карда, дар ёди шаҳриён бо дигар марҳалаҳои муҳими таърих пайваст шудааст. Мақолаи Алессандро Портелли дар тарҷумаи англисӣ дастраси умум аст: Alessandro Portelli. The Death of Luigi Trastulli and Other Stories: Form and Meaning in Oral History.
Усулҳои асосии санҷиши дурустии иттилоот дар соҳаи таърихи шифоҳӣ дар китоби Пол Томпсон тавсиф шудаанд:: Paul Thompson. The Voice of the Past: Oral History. – Oxford University Press, 1978.

Муҳимтарин вазифаи бойгонӣ — интихоби он чизест, ки ба бойгонӣ дохил хоҳад шуд.

Дар гузашта санъат дар хидмати метаривоятҳо буд ва рассомон айнан ба ёдгорисозии хотира машғул буданд — қасрҳоро нақшу нигор мекарданд ва ҳайкалҳо меафрохтанд.[12] Аммо санъати муосир ба робитаи озодтар бо Таъриху Хотира даъво дорад. Ҳунармандон аксар вақт имконияти воқеӣ доранд, ки чизи нигоҳдошташуда ва ба ҷаҳон нишон додашавандаро худашон муайян кунанд. Дар зер чанд мисоли хосро меорем, ки дар онҳо ба таърихи ҷузъӣ, рӯзгори оддӣ ва гувоҳиҳои шифоҳӣ бартарӣ дода шудааст.

Яке аз пайгиртарин рассомоне, ки ба бойгонии чунин мавод машғул аст — Сюзан Ҳиллер. Вай дар асарҳояш зуд-зуд ба омӯзиши гувоҳиҳои падидаҳои фавқултабиӣ рӯ меорад; масалан, соли 2000 вай бойгонии гувоҳиҳоро дар бораи НЛО гирд овард — вай маълумотро санҷиданӣ набуд, бароящ муҳим буд, ки худи шакли гувоҳӣ, тарзи нақли одамон дар бораи ёди худ нигоҳ дошта шавад. Аммо Ҳиллер на ҳамеша бо гувоҳиҳои фавқултабиӣ кор мекунад. Дар байни асарҳои ҳуҷҷатии ӯ як видеоасари ба ростӣ шоирона ҳаст, ки қатори тасвирӣ надорад: рассом дар он сабтҳои овозии одамонеро гирд овардааст, ки ба забонҳои аз байн рафтаистодаи ҷаҳон сухан мегӯянд. Экрани сиёҳ холист; сабтҳои овозиро танҳо шарҳҳои матнӣ (сана, ҷой, гоҳе тарҷумаи ибораи гуфташуда) ҳамроҳӣ мекунанд. Ин маҷмӯи ҳузури гумшудаву гурезонро рассом «Охирин филми хомӯш» номидааст ва бо ин ба иқтисоди номутаносиби таваҷҷуҳ ишора кардааст, ки якеро болобардор мекунаду дигареро ба фаромӯшӣ месупорад.[13] Ин асар бори аввал дар Биенналеи Берлин соли 2007 намоиш дода шуда, ба классикаи санъати бойгонӣ табдил ёфтааст.




*Susan Hiller's "The Last Silent Movie," (2007). Documentation by Guy L'Heureux.*

*Source: Cheyanne Turions*

?

Ҳунарманд Акрам Заатарӣ яке аз асосгузорони "Бунёди акси араб" аст. Ин созмон як таҳқурсии хуби ниҳодӣ барои омӯзиши таърихи кӯчак, нақлҳои шифоҳӣ ва зиндагии ҳаррӯза ба шумор меравад. Мо дар боло зикр кардем, ки ташкили сохторҳо бештар ба хотираи ёдгоришуда хос аст, вале тарафдорони нигоҳи ҷузъӣ ба гузашта низ сохторҳои худро доранд (аз ҷумла барои архиви имрӯз, ки фардо гузашта хоҳад шуд). Ин Бунёд дар Бейрут ҷойгир буда, ҳадафаш ҳифзи гувоҳиҳо ва таърихи хусусии инсонҳо аз Африқои Шимолӣ ва ҷомеаҳои араб дар тамоми дунё мебошад.

Яке аз лоиҳаҳои санъати Заатарӣ ба архиви фотограф Ҳошим ал-Маданӣ бахшида шудааст, ки аз солҳои 40-уми асри гузашта дар шаҳри Сидон акс мегирифт. Камераи ӯ лаҳзаҳои оддии рӯзгор, маросимҳои тӯй ва чеҳраҳои оилавиро сабт кардааст — яъне ҳамаи он чизе, ки аз нигоҳи таърихи расмӣ "беаҳамият" менамояд. Вале Заатарӣ баръакси инро исбот месозад (мувофиқи ҳамон усули индуктивӣ, ки қаблан бо мисоли кори Карло Гинзбург зикр намудем): мероси таърихӣ метавонад худро дар нишонаҳои хурд нишон диҳад — дар харитаи кӯчаҳои шаҳр, дар шакли мошинҳо, либосҳои одамони он давр ва тарзи робитаи онҳо бо ҳамдигар. Рассом пас аз шиносоӣ бо Ҳошим ал-Маданӣ ба қимати баланди аксҳои ӯ пай бурд ва бо хоҳиши фотограф ба ин тасвирҳо ҷони тоза бахшид. Ӯ ин аксҳоро бо хотираҳои зиндаи одамон ва услуби шоиронаи видео-эссе омезиш дод.




*Hashem el Madani, Itinerary – Abdel-Ghani el-Attal next to his grocery shop in Haret el Keshek, Saïda, 1949, 2008. © the artist. Courtesy Hashem el Madani and Arab Image Foundation, Beirut*

Боз як мисоли муҳимми кори бойгонии бадеӣ — амалияи Эмили Ҷасир (Emily Jacir) аст, ки ҳикояҳои одамони маҷбуран кӯчонидашуда — муҳоҷирони иҷбориеро, ки хонаи худро аз даст додаанд — меомӯзад ва нигоҳ медорад. Машҳуртарин асари вай «Мо аз куҷо омадаем», лоиҳаи солҳои 2001–2003, яке аз мисолҳои классикии ҳикоятгарии ҳуҷҷатӣ дар санъати муосир аст. Сохти лоиҳа содда ва аз ҷиҳати консептуалӣ бурро аст. Рассом ба одамоне муроҷиат мекард, ки маҷбур шуда буданд хонаи худро дар Фаластин тарк кунанд, ва мепурсид, ки онҳо баргашта чӣ кор кардан мехостанд: касе орзу дошт хонаи кӯҳнаи худро бубинад, касе мехост номаи нарасидаро ба соҳибаш супорад, касе — дар қаҳвахонаи дӯстдоштааш қаҳва нӯшад. Аммо ҳамаи ин одамон имкони ба хона баргаштан надоштанд, ва рассом худаш орзуҳои онҳоро иҷро мекард — номаро месупурд ё ҳамон як пиёлаи муайяни қаҳваро менӯшид.

Ҷасир, ки наметавонист ба ин одамон хонаашонро баргардонад, дар андешаҳои онҳо дар бораи хона арзиши ҳуҷҷатӣ ва бадеӣ дид. Рассом бойгонии бутунеро аз амалҳои хурди ҳаррӯза, ки барои муҳоҷирони иҷборӣ дастнорас ва аз ин рӯ махсусан азиз гашта буданд, гирд оварда, арзиши ин орзуҳоро барои бойгонӣ муайян кард, онҳоро аз миёни дигарон ҷудо намуд ва дар бораи зарурати нигоҳ доштанашон қарор қабул кард.

Ҳамин тавр, бойгониро ҷамъ оварда, мо ба мазмуни он мақулаҳои арзишӣ мебахшем — бо ин ё он гувоҳиҳо, бо маълумот ё ашё кор карда, ба онҳо аҳамият медиҳем. Дар ҳамин интихоби мавзӯи бойгонӣ қудрати бойгонидор ниҳон аст: маҳз ӯ ҳал мекунад, ки симои имрӯза дар оянда чӣ гуна хоҳад буд.

*Матни Екатерина Чернова*
*2026*




*Emily Jacir, Where We Come From, 2001-2003 detail (Omayma). American passport, 30 texts, 32 c-prints and 1 video photo: John Sherman. © Emily Jacir, courtesy Alexander and Bonin, New York*

[12] Дар ин мавзӯъ таҳқиқоти алоҳида мавҷуданд: Kristina Kleutghen. Imperial Illusions:
Crossing Pictorial Boundaries in the Qing Palaces. University of Washington Press, 2015.
Partha Mitter. Art and Nationalism in Colonial India, 1850-1922: Occidental Orientations. Cambridge University Press, 1994.

[13] Кашфи синамои садодор замонҳое фоҷиаи бузурге барои ситорагони кинои хомӯш буд — ҳамон ҳунармандоне, ки натавонистанд ба ин садо одат кунанд ва лаҳни худро биёбанд (ин масъала дар маркази сужети филми "Артист"-и соли 2011 нишон дода шудааст). Чунин фаромӯшии дарднок метавонад қисмати тамоми забонҳову фарҳангҳо гардад ва маҳз кори Сюзан Хиллер ҳамин ҳақиқати талхро ба намоиш мегузорад..

# ҲУНАРИ ЁДДОШТҲО

Дар ин бахши зин мо корҳои ҳунармандон ва меъморон (бо назардошти занони эҷодкор)-ро гирд овардем, ки ба фарҳанги хотираи Душанбе — ба ёддоштҳои инфиродӣ ва ривоятҳои шаҳрӣ бахшида шудаанд.

Дар ин ҷо асарҳои аъзои Sano Collective ва ҳамчунин асарҳои муаллифони даъватшуда — меъмор Оят Шукуров, рассом Семён Молдавер ва суратгир Фирдавс Шарифов — нашр шудаанд.



# ШАЙМА ГУЛБЕКОВА

Рассом, меъмор, заргар. Бо мавзӯи ёди айём, ёди шахсӣ ва ёди умум кор мекунад.





**«ХОНА-ХОКИСТАРДОН»**
2026. Тарҳи ҳаҷмӣ

Ин хонаи хос нигаҳбони қиссаҳои шахсӣ, лаҳзаҳои ширин аз гузашта ва орзуҳои инсонҳост. Сокинони шаҳр аз қадим одати хубе доранд, ки маҳз дар ҳамин ҷо бо ҳам ваъдаи мулоқот гузоранд.

Рассом-зан образи ин хонаи панорамавиро ҳамчун як дурнамои рӯёӣ аз зиндагии гузашта рӯи коғаз меорад: дар ҷавонӣ ӯ орзу мекард, ки дар ин бино хонаи шахсии худро бихарад ва шомгоҳон ба балкон баромада, оромона сигор кашад. Бо гузашти солҳо, ин хона ба рамзи хотираи ояндаи нотамом табдил ёфт — ояндае, ки ба эҳтимоли зиёд дигар ҳеҷ гоҳ фаро нахоҳад расид.

*Хиёбони Рӯдакӣ, бинои 32*

*38.56908, 68.7925*

# ҲУСНОРО ҶӮРАЕВА

рассом



**«ТИРЕЗА БА ГУЗАШТА»**
[чорчӯбаи тиреза, пардаҳо, чопи суратӣ] // 38.59243, 68.79011
2026

Дар ин ҷо тиреза дигар як ҷузъи оддии бино нест, балки ба як рамзи зиндаи хотираҳо табдил гаштааст. Он мисли як равзана ба олами пор ва айёми кӯдакӣ мебошад — равзанае, ки моро ба нигоҳи бобо ва одати ҳамешагии ӯ барои наззора кардани одамони кӯча пайванд медиҳад.

## «ХОНАЕ ДАР ОСМОН»

2025 [сурат дар намоишгоҳи Home Sweet Home] // 38.59248, 68.7901

Ин хонаро бобокалон сохта буд ва дар он чанд насл ба воя расидааст. Ин ҷо маскани меҳмоннавозиву осоиш буд, ҷое ки ҳунар ва илм ба ҳам меомаданд. Ба ҳавлӣ даромада, дарҳол салқинии дарахтону сабзаро ҳис мекардӣ. Деворҳоро буттаҳои печак пӯшонда буданд, токҳои ангур овезон буданд, дар миёнаи ҳавлӣ тути бошукӯҳе меистод.

Аммо дар як лаҳза ҳамаи ин ба коми фаромӯшӣ рафт, гӯё ҳеҷ гоҳ набуд, ва ёдҳо гӯё нест шуданд...

Ин лавҳача — охирин пораи хонаест, ки диламро гарм мекунад ва маро ба маскани азизам бармегардонад.



## НАСИБА КАРИМОВА
рассом

## НАРГИС АБДУЛНАЗАРОВА
барандаи радио, рӯзноманигор, ба суратгирӣ шавқ дорад

## ЗАРИНА ФАТУЛЛАЕВА
рассом



### «МӮЙСАФЕД ВА ХИРСМОДА»
2026 [чӯб, матоъ, чароғакҳои барқӣ]

Дар ин асар таърихи воқеии марде бо номи Талабшоҳ инъикос ёфтааст, ки хирсро ба фарзандӣ хонда (сарпаноҳ дода) буд ва ҳамеша ҳамроҳи ӯ дар кӯчаҳо пайдо мешуд. Ин симои аҷиб, ки ба як сароб (мирож) монанд буд, ба як рамзи ғайрирасмии шаҳр, ба рамзи тамоми даврони солҳои 1990-ум ва аввали 2000-ум табдил ёфт. Рассом-занон Талабшоҳ ва хирси ӯ Машаро дар як бурҷи ситораҳо ҷовидонӣ сохтанд.

?



# ОЯТ ШУКУРОВ

Оят Шукуров (Шакурӣ) меъмор ва рассом аст. Таҷрибаи кор дар Маскав, Душанбе ва Ландан фаъолияти ӯро шакл додааст. Ӯ дар соҳаҳои меъморӣ, тарроҳии дохилӣ, манзарасозӣ, графикаи меъморӣ ва пажӯҳишҳои фазоӣ кор мекунад. Дар ин кор мафоҳими хотира, симои макон ва меъморӣ ҳамчун ривоят ҷойи муҳим доранд.

?

*[тасвирҳо аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд ;тарҷума ба забони тоҷикиро Наргис Абдулназарова анҷом додааст]*

I.

Ин асар кӯшиши як мулоҳизаи экзистенсиалӣ дар бораи меъморист. Меъморӣ танҳо санъати лоиҳакашӣ ва сохтмон нест. Меъморӣ — ҳунари офаридани ҳаёт аст: он вақтро дар фазо ба назм даровардa, фазоро дар меҳвари вақт ҷараён мебахшад. Фазое, ки дар нақша ва буриши дурнамо (перспектива) нишон дода шудааст, маҳсули хаёл аст. Вақт дар ин ҷо номуайян буда, ба касе вобаста аст, ки дар ин фазо ҳузур дорад. Маҳз чун дар худи зиндагӣ, комилан рӯшан нест, ки ин ҳастии падидор чӣ гуна зуҳур мекунад. Нафаре дар ин ҷо дақиқаҳоро сипарӣ мекунад ва нафари дигар — ҳазорсолаҳоро, гӯё дар хоби амиқ бошад. Тарзи рафтан низ ҳамин гуна пешгӯинашаванда аст.

Нақша фазоеро дар умқи қитъа тасвир мекунад. Истгоҳ дар як хати роҳи оҳани яктарафа, ки аз байни теппаҳо ва обанбор мегузарад, воқеъ аст. Ансамбли истгоҳ аз боғ, теппаи ҳамвор (плато) бо як бинои хурди маъмурӣ ва бурҷи силосӣ дар канори об иборат аст. Ин асар аз лаҳзаҳои дар Душанбе сипарикардаам илҳом гирифтааст. Аз ин рӯ, масалан, дар боғ, дар байни чизҳои дигар, метавон боқимондаҳои чойхона, кинотеатри дорои ду толор ва лавҳаи кошинкориро (мозаика), ки ба сабки мусиқии қадимӣ бахшида шудааст, дид.

→


A Wayside Halt for One
(a Terminus to many)
Scale: 3/32" =1'-0"

II.

Азбаски офтоб дар паси теппаҳои пушти сарам пинҳон шуда буд, то фаро расидани шаб фурсати зиёде надоштам. Пастиву баландии замин рӯ ба поён мерафт ва дар уфуқ сатҳи ҳамворе намоён буд, ки осмонро инъикос мекард. Гумон кардам, ки ин обанбор аст. Эҳтимоли зиёд дошт, ки дар соҳили он шабро рӯз кардан мумкин бошад.

Пайроҳа рафта-рафта аёнтар мешуд. Ин ба ман умед мебахшид. Ба зудӣ, дар байни нишебии наздиктарин ва сатҳи ҳамвори уфуқ хати тирае пайдо шуд, ки ба таври шубҳаовар ба дарахтон шабоҳат дошт. Пас аз чанд дақиқа дар пеш, на он қадар дур, шӯълаи хурди ларзонеро бо тобиши сурхтоб дидам. Вақте наздиктар омадам, маълум шуд, ки ин шамъи хурде дар дохили устувонаи шишагии сурх будааст, ки онро аз шамол муҳофизат мекард. Оё воқеан касе онро дар ин ҷо гузошта бошад? Ин маро ҳамзамон ҳам умедвор карду ҳам ба ҳайрат овард

→



III.

Пас, дар пеш воқеан бешае будааст. Ва паси беша паҳнае, ки дар он чанд бино меистод. Аз бинои наздиктарин рӯшноии хира мебаромад. Об дар дурӣ дигар қариб дида намешуд. Ман ба тарафи беша поён фаромадам. Канори беша бо гӯлаҳои калони мармари сафед, ки мисли устухонҳо метофтанд, пӯшида буд. Аз тарафи рост дарахтҳо буданд. Каме дуртар чанд хароба ба чашм мерасид.

Тақрибан дар ҳамон ҷое, ки ман поён фаромада будам, сутуни танҳое меистод. Маълум буд, ки онро борҳо андова кардаанд: шаклаш андаке фурӯрафта ва беқаду қомат шуда буд. Сутун дар канори саҳни хурде меистод, ки он ҳам бо санги равшан, зоҳиран мармар, фарш шуда буд. Сангҳо шаклу андозаи гуногун доштанд, вале нисбатан хуб ба ҳам ҷӯр шуда буданд; кори бад набуд, моҳирона менамуд. Аз ҳамин саҳн, зери дарахтон, пайроҳа ба сӯи биное мерафт, ки аз он рӯшнои мебаромад.



IV.

Ман чанд қадам пеш рафтам ва дар тарафи рости пайроҳа санги мудаввари шикастаеро дидам, гӯё порае аз сутун бошад. Ин чиз ҳаваси маро барангехт. Ба сабабе, ки худам намефаҳмидам, ҳеҷ хавотир набудам. Медонистам, ки ин ҷо касе нест.

Ман пеш рафтам. Рӯшноии бино пайроҳаро базӯр равшан мекард, вале чашмонам аллакай ба торикӣ одат карда буданд. Санг ба тахтаи чӯбин иваз шуд. Бӯи пиёзи бирён ва креозот омад. Кариб буд пешпо хӯрам — зери поям боз санг эҳсос шуд, вале ин бор он ба таври аҷибе суфта ва ҳамвор буд. Аз чапу рост деворҳо буданд; дар онҳо даргоҳҳое кушода мешуданд, ки миёнашон сутун меистод. Ман намефаҳмидам, ки рӯшноӣ аз куҷо меояд, аммо гирду атроф нисбатан равшан буд. Дар он ҷое, ки деворҳо тамом мешуданд, ҳама чизи паси онҳо сип-сиёҳ буд. Ман фикр кардам, ки ин хеле мантиқист.



V.

Субҳи содиқ, офтоб оламро мунаввар месозад. Аз дуриҳо садои якранги тайёраи сабук ба гӯш мерасад. Ман оромона паси миз нишаста, аз омехтаи гарми тухмбирёну помидор, мағзи чормағз ва нони тару тоза тановул мекунам. Дар наздам, рӯи мизи гирди чӯбини қаҳваранг, қаҳваи сиёҳи зудҳалшаванда, вале хуштаъме метапад. Дастархони пахтагии кӯҳна, аммо сафеду тоза ба миз файз бахшидааст. Асбобҳои нуқрагии вазнин, ки кайҳо боз сайқал наёфтаанд, бӯи гузаштаро медиҳанд.

Дар самти чапи ман як даромадгоҳи сутундор ва ду пилястра дар канори он қомат афрохтаанд. Долони кӯтоҳе ба назар мерасад, ки дар он сӯяш маҳз ҳамин гуна сохтори меъморӣ такрор меёбад. Пас аз наҳорӣ сигорро оташ мезанам. Хокистардони азими булӯрин низ дар ҳамин ҷост, ки зери нури офтоб медурахшад.

